*ТКБ 373.7*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-83-90*

# *ТАФСИРОТИ ИЛМИИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ ВА НАҚШИ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ОН*

***Тоҳириён Абдуллоҳи Шерализода,*** *номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи “Технологияҳои таълим”-и Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон (Ӯзбекистон,Тошканд)*

# *НАУЧНАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ИСТОРИЧЕСКОЙ ПАМЯТИ И РОЛЬ ВОСПИТАНИЯ В ЕЕ ФОРМИРОВАНИИ*

***Тохириён Абдуллохи Шерализода,*** *кандидат исторических наук, заведующий кафедрой “Образовательные технологии” Национального университета Узбекистана (Узбекистан, Ташкент).*

# *SCIENTIFIC INTERPRETATION OF HISTORICAL MEMORY AND THE ROLE OF EDUCATION IN ITS FORMATION*

***Tokhiriyon Abdullohi Sheralizoda,*** *candidate of historical Sciences, Head of the Department of “Educational Technologies" of the National University of Uzbekistan(Uzbekistan, Tashkent),*
***E-mail:*** *atoxiriyon@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ**: хотираи таърихӣ, шуури таърихӣ, педагогикаи осорхона, педагогикаи ҷойҳои ёддоштӣ, таърихи шифоҳӣ, омилҳои педагогӣ, тарбия, руш, ташаккул*

*Дар мақола масъалаи ташаккули хотираи таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, зимни таҳкими назар оид ба робитаи раванди ташаккули хотираи таърихӣ бо омилҳои педагогӣ, тафсири илмии мафҳуми хотираи таърихӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф бар он аст, ки дар раванди ташаккули хотираи таърихӣ ҳатман бояд ҷараёни педагогӣ мақоми ба худ хос дошта бошад, то зимни зарурати таърихӣ ба зинаҳои рушду такмили он низ замина гузошта шавад.*

***Ключевые слова:** историческая память, историческое сознание, музейная педагогика, педагогика памятных мест, устная история, педагогические факторы, воспитание, развитие, формирование*

*В статье рассматривается вопрос о формировании исторической памяти, в ходе укрепления взглядов на взаимосвязь процесса формирования исторической памяти с педагогическими факторами проводится анализ научной интерпретации понятия об исторической памяти. Автор утверждает, что в ходе формирования исторической памяти педагогический процесс обязательно должен иметь свой собственный статус, чтобы при исторической необходимости можно было заложить основу и на ступени его развития и совершенствования.*

***Key words:** historical memory, historical consciousness, museum pedagogy, pedagogy of memorable places, Oral history, pedagogical factors, education, development, formation*

*The article deals with the formation of historical memory, in the course of strengthening views on the relationship of the process of formation of historical memory with pedagogical factors, a scientific interpretation of the concept of historical memory is carried out. The author argues that in the process of forming historical memory, the pedagogical process must necessarily have its own status, so that, if necessary, it could lay the foundation at the stage of its development and improvement.*

**Сарсухан.** Мазмун ва моҳияти ҷомеаи инсонӣ рӯз ба рӯз рӯ ба тараққӣ асту такмил меёбад, олами тасаввури одамият тавсиа ёфта, маънову тобишҳои ҳаёти фарҳангӣ низ бой мегардад. Ва, ин ҳама туфайли таҳқиқу пӯишҳои илмӣ дар пояи дирӯз-имрӯз-фардо. Зимни омӯзишу таҷзияҳои илмӣ сабақҳои амиқу дақиқ, ки аз дирӯз бардошта мешаванд, барои эҷоди имрӯзи равшантар ва ояндаи дурахшону рушдёфта ба манбаи беҳамто табдил мeёбанд. Ба шарофати чунин сабақҳо аз ҳаёт, ки дар заминаи хотираи таърихӣ арзи вуҷуд мекунанд, ҳар як шахс эътимоди комили роҳ надоданро ба иштибоҳу каҷравиҳо дар фаъолияти худ ҳосил мекунад. Аз ин лиҳоз, мафҳуми “хотираи таърихӣ” чун категорияи илмӣ дар ҳаёти ҷомеа нақши басо муҳиме касб мекунад. Воқеан, тавассути хотираи таърихӣ инсон муносибатҳои тарафайн ва судманди мафҳумоти дирӯз, имрӯз ва фардоро амиқтар дарк менамояд.

Бо назардошти мулоҳизоти фавқ, мақолаи мазкур ба таҳлил ва мушаххас кардани баъзе ақоиди роиҷ ва тафсироти илмии консепсияи хотираи таърихӣ, инчунин ҷанбаҳои педагогии раванди ташаккули хотираи таърихӣ бахшида шудааст.

**Аҳамияти мавзӯъ.** Агар ба мутобиқати илми педагогӣ бо маъно ва мундариҷаи категорияҳои мушаххаси дигар соҳоти илм назар афканем, дар онҳо бартарияти омилҳо ва ҷанбаҳои педагогӣ

ба мушоҳида мерасад. Зеро, ба шарофати омилҳои педагогӣ, аз қабили ташаккул, тарбия, рушд ва эътиқод арзишҳои маънавии ҷомеа дар қофилаи илм аввалан ҳифз гардида, сипас тадриҷан аз насл ба насл интиқол меёбанд. Ба таври васеъ истифода шудани далелҳои педагогӣ, ки аз илм, санъат, ахлоқ, сиёсат ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ҳосил мешаванд, маҳз ба ҳамин раванд алоқамандӣ дорад.

Бидуни муболиға метавон гуфт, ки дар мазмуни рушди босуръати раванди ҷаҳонишавии замони имрӯз, ки баъзан ба марзҳои арзишҳои миллӣ таҳдид меорад, мафҳуми "хотираи таърихӣ" барои ҳамаи халқҳо ва миллатҳо аҳамияти нав пайдо менамояд. Зеро хотираи таърихӣ, чун ҷузъи шуури таърихии халқҳо, манбаи хеле муҳимест, ки чеҳра ва асолати миллии онҳоро дар арсаи таърих муайян месозад. Илова бар ин, шуури таърихии миллатҳо ҳамчун воситаи муқовимат бар омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ, яъне ҳамчун омили таҳкими масунияти онҳо моҳиятан тавсиа меёбад.Аз ин рӯ, махсусан байни таърихнигорон, сотсиологҳо, фарҳангшиносон, аҳли эҷод ва албатта сиёсатмадорон таваҷҷӯҳ ба мафҳуми "хотираи таърихӣ", аз нигоҳи огоҳии таърихӣ беш аз пеш меафзояд. Агар ба ин сатҳи мубрамии мавзӯъ муаммоҳои омӯзиши ҷанбаҳои педагогии ташаккул, рушд ва тарбияи шуури таърихӣ илова гардад, пас, ба назари мо, аҳамияти хотиаи таърихӣ дучанд меафзояд.

Педагогика дар илму амал метавонад ҳамчун омили муттаҳидкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ хизмат кунад, аммо дар сурате, ки агар он тамоми гуногунии манфиатҳои таърихии аҳолиро, аз ҷумла хосияти онро инъикос намояд. Биноан, далелҳои педагогӣ муштаракан бо омилҳои иҷтимоӣ дар таркиби фарҳанг, санъат, ахлоқ, сиёсат ва боқӣ шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар идораи шуури иҷтимоӣ вазифаву мақсадҳои худро доранд.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи нақш ва ҷойгоҳи омилҳои педагогӣ дар раванди ташаккули хотираи таърихӣ дар ҷомеа, ба баъзе ҷузъиёти қисми назариявии мафҳумҳо, аз қабили шуури таърихӣ, хотираи таърихӣ, дониши таърихӣ, ҷойҳои хотира, таърихи шифоҳӣ равшанӣ андохтан лозим аст. Пеш аз ҳама, бояд робита ва мутақобилии онҳоро муайян кард, сипас ҷанбаҳои педагогии раванди ташаккули хотираи шуури таърихиро дар доираи шуури ҷамъиятӣ ва хотираи таърихиро дар доираи шуури таърихӣ пайгирӣ намудан мувофиқи мақсад хоҳад буд.

**"Шуури таърихӣ" ва "хотираи таърихӣ": тафриқаи мафҳумот.** Агар саволе гузошта шавад, ба мазмуни "Тафриқаи мафҳумоти "шуури таърихӣ" ва "хотираи таърихӣ" дар чист?", ба назари мо, додани посухи возеҳ ва амиқ басо душвор аст, чун ҳадгузорӣ байни ин ду мафҳум худ амали мавҳум аст. Бо вуҷуди ҳамин, аввал бояд баррасӣ кард, ки шуури таърихӣ чиро ифода мекунад. Аз нуқтаи назари самтҳои гуногуни илм олимони соҳаҳо кӯшиш кардаанд, ки ба ҷавоби ин савол равшанӣ андозанд. Чунончӣ, таърихнигор, мутахассиси соҳаи методологияи таърих ва таърихшиносӣ Л.Репина шуури таърихиро ҳамчун пайвандгари замонҳо ва даврҳо меҳисобад. Ба ақидаи ӯ, "дар асоси ҳар як таърихнависӣ, пеш аз ҳама, шуури таърихӣ ҷойгир аст, ки гузаштаро бо имрӯзи дар оянда мунъакис муттаҳид мекунад." [10,с.479]. Таърифи муаррих М.Барг, ба назари мо, боз ҷолибтар аст, чун ӯ менависад, ки "дар генезиси худ шуури таърихӣ ин ташаккули фарқият ва робитаи замонҳо дар фарҳанги моддӣ ва маънавии ҳар як ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки дар айни замон шарти устувории таърихии нобиғаи ин фарҳанг мебошад" [1,с.8]. Пас, гуфтан мумкин аст, ки шуури таърихӣ таркибан як шакли шуури иҷтимоӣ буда, он дар замири шахс ҳосил шудани эҳсоси мавҷудияти унсурҳоеро ифода мекунад, ки афкор ва нуқтаи назари ӯро ба гузашта инъикос мекунад.

Ҷомеашинос Ж.Тощенко менависад, ки "он (шуури таърихӣ – А. Т.) маҷмӯи ғояҳо, дидгоҳҳо, тасаввурот, эҳсосот, рӯҳияҳоест, ки дарк ва арзёбии гузаштаро дар тамоми гуногунии он инъикос мекунанд, ки дар маҷмӯъ ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ–демографӣ, иҷтимоӣ-касбӣ ва этносоциалӣ, ҳамчунин шахсони алоҳида хос аст" [16,с.4]. Дигар олими ҷомеашинос Ю.Левада, гӯё дар посух ба савол муайян мекунад, ки "ин мафҳум тамоми шаклҳои (манзур шуур аст. – А.Т.) ба таври худкор ташаккулёфта ё аз ҷониби илм офаридашударо, ки дар онҳо ҷомеа гузаштаи худро дарк мекунад, дар бар мегирад" [6,с.191].

Аз таъкидҳо ба дарк, фаҳмиш ва арзёбии ҳаводиси мозӣ дида мешавад, ки падидаи шуури таърихӣ мураккаб аст ва таърифҳои мутазаккира аз функсияҳои бисерҷонибаи он шаҳодат медиҳанд. Аҳли илм истисно намекунанд, ки шуури таърихӣ метавонад ҳамчун синоними хотираи таърихӣ истифода шавад, аммо бо назардошти нисбатан мафҳуми васеътар будани он, зеро хотираи таърихӣ чун тасаввуроти илмӣ ва таърихӣ дар бораи гузашта дар падидаи

"худсарона" ифода меёбад ва гӯё мағзи шуури таърихӣ мебошад. Ин ҷо, ташреҳи тавсифи худсарона дар он маъност, ки на ҳар воқеоту ҳаводиси таърихӣ ба моли хотираи таърихӣ табдил меёбад.

Дар посух ба саволи "хотираи таърихӣ чист?" овардани як иқтибос бамаврид аст, ки муаллифи он чунин менигорад: "ин як шуури мушаххас аст, ки аҳамияти махсус ва аҳамияти иттилоотро дар бораи гузашта дар робитаи зич бо ҳозира ва оянда инъикос мекунад." [16,с.5]. Хотираи таърихиро дар ченаки вақти воқеӣ ҳамчун маҳсули дур шудан аз рӯйдодҳои таърихӣ тасвир намуда, О.Леонтьева аз ҷумла биниши худро дар чунин тасвир пешниҳод мекунад: "Бо мурури вақт рӯйдодҳои содиршуда ба таърих табдил меёбанд ва вақте ки ҳамзамонон аз он рӯйдодҳо кам боқӣ мемонанд, тасвири он торафт ҳамгироӣ пайдо карда ва шаклан низ тағир меёбад ҳамвора аз воқеияти таърихӣ дуртар мешавад. Ҳамин тавр, маҷмӯи образҳои гузашта хотираи таърихиро ташкил медиҳад" [7,с.34].

Аксар олимон хусусияти хотираи таърихиро дар инъикоси ҳолатҳои ташаннуҷи таърихӣ тасвир мекунанд. Тибқи чунин назарҳо хотираи таърихӣ махсусан ба рӯйдодҳои фоҷиабор ва драмавии таърих, аз қабили ҷанг, инқилоб, репрессия вокуниш нишон медиҳад. Чунин давраҳо бо нооромшавии сохтори ҷамъиятӣ, афзоиши зиддиятҳо, низоъҳо хос мебошанд" [2,с.80].

Иқтибосҳои зикршуда нишон медиҳанд, ки масъалаи хотираи таърихӣ дар илми муосир муҳим ва баҳсбарангез аст. Афзудани аҳамияти ин масъалаи илмӣ комилан фаҳмо аст, зеро дар ҷомеаи кунунӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, аз нав дида баромадани таърихи умумиинсонӣ, ҷанги иттилоотӣ ва ноустувории сиёсӣ мероси умумӣ, хотираи умумии таърихӣ унсури асосӣ ва калидии ташаккули ҳувияти миллӣ ва ваҳдати миллӣ мегардад. Биноан, чунин аҳамияти иҷтимоӣ ба таҳияи нуқтаи назари ягона дар бораи масъала набошад ҳам ҳаддиақал бояд ба дастгоҳи ягонаи мафҳумӣ мувофиқат кунад. Чунин иқдом бояд баҳсҳои илмиро аз баҳси схоластикӣ дар бораи таърифҳо ба таҳқиқи пурмазмуни ҳам хотираи таърихӣ ва ҳам механизмҳои ташаккули он берун оварад [4,с.137].

Ҳамин тавр, набудани ҳад ва ченаки мушаххас дар муайян кардани категорияҳои "шуури таърихӣ" ва "хотираи таърихӣ" дар низоми тадқиқоти илмҳои гуманитарӣ омили муҳими баланд бардоштани аҳамияти онҳо мегардад. Моҳиятан, ҳарду категория мафҳумҳои муносибат ба гузаштаро ифода мекунанд, зеро хотира бо фаъолияти рӯҳӣ алоқаманд аст ва ҳосилнокии хотира ҳамчун маҳсулоти иловагии миёнаравии бошууронаи иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад. Аён аст, ки масъалаи ҷудо кардани ин ду мафҳум чун мавзӯи гуфтугӯ боқӣ мемонад, зеро тафсири ягонаи илмии моҳияти онҳо вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, мушкилоти тафсири дақиқи илмии масъала дар рӯзномаи доираҳои илмии муосир қарор дорад.

**Таърих ва хотираи таърихӣ: таносуб ва тафриқа.** Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои педагогии ташаккули хотираи таърихӣ, муайян намудани робитаи таърих ва хотираи таърихӣ, дар заминаи фарқ кардани мафҳумҳои шуури таърихӣ ва хотираи таърихӣ аҳамияти муҳим дорад. Зеро баъзан, ағлаб муҳаққиқон, истилоҳҳои таърих ва хотираи таърихиро чун синоним шарҳ доданӣ мешаванд. Аммо, ин як вазъияти комилан баҳсбарангез аст ва асоси илмӣ надорад. Боз ҳам тааҷҷубовартар ба назар мерасад, ки гурӯҳи дигари муҳаққиқон байни ин мафҳумҳо таззодҳо меҷӯянд. Ҳамин тавр, байни олимон ихтилофоти назар мавриди муайян намудани таносуб ва тафриқаи мафҳумҳои таърих ва хотираи таърихӣ дида мешавад.

Тибқи фарзияи асосгузори назарияи хотираи таърихӣ, ҷомеашинос, Морис Ҳалбвакс, одатан таърих замоне оғоз меёбад, ки анъанаҳо ба охир мерасанд, хотираи иҷтимоӣ суст мешавад ва ё пароканда мегардад [18]. То он даме, ки хотира вуҷуд дорад, онро сабт кардан ва ё чун ёддошт ба қайд гирифтан зарурат надорад. Аз ин рӯ, зарурати навиштани таърихи як давраи муайян, таърихи ҷомеа ё ҳатто як шахс танҳо дар сурате ба миён меояд, агар ин таърих тӯлонияти таърихӣ дошта бошад ва имкони пайдо кардани шоҳидони зиёде, ки онро ёд доранд, кам шуда бошад. Аммо, гурӯҳе, ки барои худ зиндагӣ мекунад, пеш аз ҳама мекӯшад он ҳиссиёт ва тасвирҳоеро абадӣ гардонад, ки моҳияти афкори онҳоро ташкил медиҳанд. Ва дар ин ҷо, ҷомеашинос воқеан ғояи муҳими сифати хотираи таърихиро ҳамчун омили муҳим дар худшиносии ҷомеа ё ягон гурӯҳи дигар ифода мекунад.

Дар асл, фарқи байни таърих ва хотираи таърихӣ дар он зоҳир мешавад, ки имкониятҳои фаҳмиши вақт аз мо чӣ гуна дур мешаванд. Таърихнигоре, ки замони қадимро меомӯзад, гарчанде баъзан бо норасоии сарчашмаҳо рӯ ба рӯ шавад ҳам, аммо дар ӯ ғояи умумӣ бартарӣ дорад, яъне бо гузашти солҳо, ҳатто агар рӯйдодҳои гузашта аҳамияти худро гум карда бошанд

ҳам, ба онҳо тавсифи объективӣ дода, маълумотро дар бораи сабабҳо, зарурат ва оқибатҳо ошкор кардан барои вай мумкин аст. Дар ҳамин нукта, овардани иқтибосе ба маврид аст, оид ба аҳамияти таърих нақши раҳнамоӣ дорад. Дар он, таъкид мегардад, ки "дар байни ҳамаи илмҳое, ки мавзӯи омӯзиши онҳо инсон аст, таърих бартарии умумият ва якпорчагӣ дорад. Дин, ҳуқуқ, санъат, ахлоқ ҳамаи ин дар инъикоси илмҳои дигар пароканда, ҷудогона аст, таърих бошад ин соҳаҳои фаъолияти инсонро дар робитаи зинда меомӯзад [12,с.23].

Маҳз ҳамин талош ҳадафи асосӣ ва бунёдии илми таърихро инъикос мекунад. Омӯзиши таърих, тибқи манбаъҳои моддӣ ва хаттӣ, дар асоси назарияҳо ва равишҳое, ки аз дигар соҳаҳои илмӣ бо таваҷҷӯҳи дақиқ ба гузашта гирифта шудаанд, аксар вақт ба инъикоси амиқи гузашта тамаркуз мекунад. Манбаъҳо ва ашёҳои гуногун, ки рӯйдодҳои таърихии гузаштаро инъикос менамоянд, аз насл ба насл интиқол дода шуда, идомаи таърих ва фарҳанги башарро таъмин месозанд.

Ба ақидаи В.Бадмаев, хотираи таърихӣ моҳиятан, дар муқоиса бо таърих, интихобӣ аст. Хотираи таърихӣ баъзе далелҳоро таъкид карда, баъзеи дигарро ба боди фаромӯшӣ месупорад. Дар бораи таносуби таърих ва хотираи таърихӣ, ӯ менависад: ...хотираи таърихӣ ҳамчун низоми устувори тасаввурот дар бораи гузашта, ки дар шуури ҷамъиятӣ ҷой дорад, тавсиф карда мешавад. Ба хотираи таърихӣ, аз баҳои оқилона дида, арзёбии эҳсосӣ ба гузашта хос аст [2,с.79].

Дар робита ба тафриқаи байни мафҳумҳои дониши таърихӣ ва хотираи таърихӣ Л.Репина таъкид менамояд, ки дар ин маврид сарҳади дақиқ гузоштан мумкин нест, зеро байни онҳо фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад. "...фарқи муҳимтарини таърих ва хотира дар он аст, ки таърихшинос метавонад чизеро кашф кунад, ки дар бораи "замонҳои қадим" дар хотира нест, ё танҳо фаромӯш шудааст [11,с.435].

Ба ақидаи М. Соколова, омӯзиши таърих ба инъикоси объективӣ ва дақиқи гузашта равона шудааст. Анъанаи шифоҳии интиқоли иттилоот дар бораи гузашта, баръакс, мифологӣ буда, бо он тавсиф мешавад, ки хотира маълумотро дар бораи гузашта дар асоси тасаввуроте, нигоҳ медорад ва "таҷдид мекунад", ки аз эҳсос ва эҳтирос ба вуҷуд омадааст [14,с.37] Ин маънои онро дорад, ки дар фарқият аз таърих, яъне иттилооти илмӣ дар бораи гузашта, хотираи таърихӣ осебпазиртар аст ва аммо бо мурури замон аз ҷиҳати сиёсӣ ва ғоявӣ метавонад муҳим гардад.

Бояд қайд кард, ки хотираи таърихӣ на танҳо як канали интиқоли иттилоот дар бораи гузашта, балки як қисми хеле муҳими раванди худшиносии шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеа мебошад. Зеро тасаввуроти манзараҳои ҷондор ё тасвирҳои гузаштаи таърихӣ як навъи хотира аст, ки барои ташаккул ва муттаҳид намудани гурӯҳҳои фаъоли иҷтимоӣ имрӯз (дар замони вуҷуд – А.Т.) аҳамияти махсус дорад [5,с.24].

Мувофиқи таҳқиқоти равоншиносон, дар фаъолияти хотираи инсон хатти байни тасаввуроти инфиродӣ ва дастаҷамъӣ қариб шуста шудааст. Воқеан, пас аз равоншиносон, антропологҳо ва ҷомеашиносон, таърихнигорон низ консепсияи хотираи дастаҷамъиро ҳамчун воситаи "муаррифии маҷмӯи мифҳо, расму оинҳо, эътиқодҳо ва тасаввуроти ҷомеа" васеътар истифода бурданд [5,с.22]. Зимнан, перомуни таносуби мафҳумҳои хотираи коллективӣ ва хотираи таърихӣ, Л.Репина чунин менигорад, ки хотираи коллективӣ аксар вақт ҳамчун таҷрибаи умумӣ, ки одамон якҷоя аз сар мегузаронанд (масалан, хотираи наслҳо) ё хотираи гурӯҳӣ тафсир карда мешавад. "Хотираи таърихӣ ҳамчун хотираи коллективӣ (ба андозае, ки он ба шуури таърихии гурӯҳ мувофиқат мекунад) ё ҳамчун хотираи иҷтимоӣ (ба он чизе, ки ба шуури таърихии ҷомеа мувофиқат мекунад) ё дар маҷмӯъ ҳамчун маҷмӯи донишҳои пеш аз илмӣ, квазиилмӣ ва берун аз донишҳои илмӣ ва тасаввуроти оммавии ҷомеа дар бораи гузаштаи умумӣ фаҳмида мешавад" [10,с.42].

Таваҷҷӯҳи афзун ба гузашта дар замони ҳозира низ ба яке аз вазифаҳои моделсозии хотираи таърихӣ вобаста аст. Мисоли оддӣ, дар бисёр мустамликаҳои собиқ ё худ дар ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, пайдо шудани ҷашни "Рӯзи истиқлолият" дар тақвими миллӣ мебошад. Ё мисоли дигар, чуноне тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ҷашни рӯйдоди муҳимтарин ҳодисаҳои таърихи миллӣ, ки барои мардуми муосир дар ҳифзи ягонагии худшиносии миллӣ, хидмат хоҳанд кард. Чунин мисолҳо зиёданд, ки бо онҳо метавон модели хотираи таърихиро муайян кард.

Барқарор намудани хотира оид ба шӯришҳои маъруф ва ҳатто оид ба солҳои мустамликадории давраи ҳокимияти шӯравӣ, дар эҳё намудани хотира дар бораи одамони

бадарғашуда ва қатлшуда, аҳамияти ҳам иҷтимоӣ ва ҳам дастаҷамъӣ дорад. Дар ин ҳол маълум мешавад, ки хотираи таърихӣ пеш аз ҳама ба гурӯҳҳое муҳим аст, ки ормонҳои этникӣ, динӣ ва фарҳангии онҳо паст зада шудаанд. Дар ин замина, таваҷҷӯҳ ба шакли ташриф ба ҷойи хотираи муқаддасоти гуногун ва шахсиятҳои бузург, алахусус ҷойҳои муқаддас, бесабаб ва тасодуфӣ нест. Ин мисолҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо низ истисно нестанд. Дар фаъолияти худ ҳар як омӯзгор-муаррих бо онҳо дар амал вомехӯрад, аммо онон на ҳамеша дарк мекунанд, ки консепсияи хотираи таърихӣ асоси фаҳмиши назариявии ин падидаҳо мебошад.

Ба назари мо, ҳақ ба ҷониби таърихнигор ва методисти олмонӣ Й.Ролфес аст, вақте ӯ мулоҳиза меронад, ки дидактикаи таърих вақтҳои охир аз таълими таърих дар барномаи мактабӣ берун рафтааст ва ҳоло бештар бо муаммои иртибот бо таърих ва дарки он сарукор дорад. Ҳамчунин вай қайд мекунад, ки “таълими мактабӣ, дар айни замон, дар маҷмӯъ як шакли (ҳарчанд муҳимтарин) таҳсилоти таърихӣ гардид. Чанд вақт инҷониб дидактикаи беруназсинфии таърих (мафҳуми доимо истифодашаванда, вале ба дараҷаи олӣ ғайриоддӣ) ба фарогирии азим омода мешавад: таърих дар телевизион, дар осорхона, дар адабиёти бадеӣ, дар матбуот, дар сайёҳӣ, дар системаи таҳсилоти озод, дар ҳизбҳо ва иттиҳодияҳо, дар парлумон аз нуқтаи назари таҳияи назари ҳамаҷониба ба мавзӯи он, таваҷҷӯҳи назарраси илмӣ ва амалӣ дорад" [13,с.31]. Консепсияи М.Халбвакс дар бораи “ҷойҳои хотира” на танҳо аз нуқтаи назари рушди таърихнигории муосир, балки аз нуқтаи назари педагогӣ низ муҳим аст. Чунки, боздид аз ҷойҳои мнемоникӣ ва баргузории маросимҳои марбут ба онҳо яке аз роҳҳои самараноки рушди хотираи таърихии мардум мебошад.

Омили дигаре, ки боиси афзоиши таваҷҷӯҳ ба хотираи таърихӣ шуд, пайдоиши самти постмодернистӣ дар фалсафа буд. “Постмодернизм зарурати муносибати эҳтиромона ба мероси гузашта, таърих, фарҳанг, фолклор, адабиёт ва санъатро онкор мекунад ва чунин мешуморад, ки ба он муносибати озод, беғаразона ва бозикорона имконпазир ва зарур аст” [19,с.111]. Фикри он, ки таърихи воқеии постмодернистӣ вуҷуд надорад, балки танҳо тасвирҳои гузашта, ки дар таърихнигорӣ ҳамчун як навъ баҳси илмӣ сохта шудаанд, ба бисёр муаррихони муосир таъсир расондаанд. Дар ин ҷо, таъсири амиқи постмодернизм ба муаррихон дар асарҳои таърихнигори маъруфи фаронсавӣ Пьер Нора [9], ки дар соҳаи хотираи таърихӣ таҳқиқот гузаронидааст, таъкид карда мешавад. Дар тӯли солҳои зиёд ӯ бо иштироки таърихнигорони маъруфи фаронсавӣ ба омодасозии нашри бисёрҷилдаи “Ҷойҳои хотира” роҳбарӣ мекард [6,с.12]. Ин асар як навъ рӯйхати зуҳуроти расмии хотираи миллӣ аз номи Фаронса буд, ки дар мисоли ёдгориҳо ва муқаддасот, анналҳои таърихӣ, маълумотномаҳои шаҳрвандӣ ва китобҳои таърих, бойгониҳои давлатӣ ва осорхонаҳо сохта шудааст.

Дар мақолаи Ю.Хмелевская, “Дар бораи ёдбуди таърих ва таърихсозии хотира”, ки чун тақриз” ба асари П.Нора [8] таълиф шудааст, таъкид мегардад, ки “Ҷойҳои хотира” дар маънои танг ва ҷуғрофӣ ҷой нестанд, онҳо ҳамчун нуқтаҳои хоси буришӣ муайян карда мешаванд, ки дар онҳо хотираи ҷомеа ташаккул меёбад ва мутамарказ мешавад. Вазифаи асосии ҷойҳои таърихӣ нигоҳ доштани хотираи дастаҷамъӣ мебошад: ҷойҳои хотира метавонанд одамон, рӯйдодҳо, ашёҳо, биноҳо, анъанаҳо, ривоятҳо, нуқтаҳои ҷуғрофӣ бошанд, ки бо ауран махсуси рамзӣ иҳота шудаанд. Нақши онҳо, пеш аз ҳама, рамзӣ аст, яъне ёдраскунии гузашта, ки ҳаётро дар замони ҳозира пур мекунад... Аксари асарҳое, ки ба антологияи нашршудаи Нора дохил карда шудаанд, ба муайян кардани он бахшида шудаанд, ки кай ҷои муайяни хотира маънои рамзии худро пайдо кардааст ва чӣ гуна он бо мурури замон тағйир ёфтааст [18,с.31].

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо низ то андозае тадқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши муаммои ташаккули шуури таърихӣ ва хотираи таърихӣ амалӣ мешаванд. Дар онҳо ақидаҳо дар бораи моҳияти мундариҷаи хотираи таърихӣ, нақши он дар фаъолияти шахс ва ҷомеа, дар системаи шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла миллӣ, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ омӯхта шуда хулосаҳои амиқи таҳлилӣ таҳия мешаванд. Аммо ҷанбаҳои педагогии раванди ташаккули хотираи таърихӣ амалан ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд.

**Нақши таърихи шифоҳӣ дар ташаккули хотираи таърихӣ.** Манбаи дигари муҳими таърихшиносӣ барои рушди консепсияи хотираи таърихӣ асарҳои таърихи шифоҳӣ буданд, ки дар нимаи дуюми асри бист, алахусус дар бист соли охири он эътирофи васеъ пайдо карданд. Таърихнигории анъанавӣ ва сарчашмаҳои таърихии хаттӣ, ки дар онҳо сатҳи эътимод ба шаҳодатномаҳои шифоҳӣ пасттар аст, афзалият медиҳад.

Дар чунин ҳол, онҳо одатан ба иштибоҳи хотира ва баъзан ба хоҳиши барои худ хубтар равшан кардани гузашта муроҷиат мекунанд. Аммо, таҳти таъсири танқиди субъективӣ, ки тафсир будани ҳар як матни хаттиро (чун манбаи аслӣ) низ нишон медиҳад, хусусияти таърихнигории муосир ба истифодаи васеи далелҳои шифоҳӣ оварда расонд. Роҳи муҳимтарини "ҳамкорӣ" бо гузашта дар таърихи шифоҳӣ ҷамъоварӣ, маҳфуз доштан ва тафсири ин хотираҳо мебошад. Мувофиқан, методҳои таърихи шифоҳӣ ҳамкории зичи байнисоҳавиро, аз ҷумла бо психология, педагогика ва сотсиологияро ба назар мегиранд.

Таърихи шифоҳӣ метавонад ҳамчун ҷанбаи муҳими педагогикаи хотираи таърихӣ хизмат кунад. Омили муҳим дар рушди таърихи шифоҳӣ рад кардани назари пештара ба таърих, яъне таърихи сиёсати "воло" ва таваҷҷӯҳи афзоянда ба ҳаёти ҳаррӯза мебошад. Дар робита ба ин назар, П.Томпсон оид ба яке аз бартариҳои таърихи шифоҳӣ менависад: "Вақте ки таҷрибаи ҳаётии одамони гуногун ҳамчун "ашеи хом" истифода мешавад, Таърих андозаи нав мегирад. Таърихи шифоҳӣ ба мо манбаъҳоеро медиҳад, ки ба тарҷумаи ҳоли нашршуда хеле шабоҳат доранд, аммо дар миқёси хеле васеътар. Аксарияти мутлақи тарҷумаи ҳоли нашршуда ба гурӯҳи танги пешвоёни сиёсӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ тааллуқ доранд ва ҳатто агар муаррих хушбахт бошад, ки тарҷумаи ҳоли марбут ба макон, вақт ва гурӯҳи мушаххаси мавриди таваҷҷӯҳи ӯро пайдо кунад, он метавонад ба мушкилоти омӯхтааш қариб ё тамоман аҳамият надиҳад. Ва баръакс, мутахассисони таърихи шифоҳӣ метавонанд дақиқ муайян кунанд, ки бо кӣ мусоҳиба кунанд ва аз онҳо чӣ пурсанд. Мусоҳиба инчунин методи ошкор кардани сарчашмаҳои хаттӣ ва аксҳоест, ки бо роҳи дигар ошкор карда намешаванд [15,с.17-18].

Тавре аз натиҷаҳои таҳқиқ маълум мегардад, намунаи истифодаи васеи таърихи шифоҳиро дар мактабҳои олмонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Он ҷо, дар дарсҳои таърих озмунҳои кори хонандагон гузаронида мешаванд, ки имкон медиҳанд хотираи фоҷиабори ҷангро на танҳо бо истифода аз бойгонӣ, балки дар асоси ҷамъоварӣ ва таҳлили ёддоштҳо барқарор кунанд. Нисбати чунин таҷриба, муаррих А.Борозняк қайд мекунад, ки "корҳои зиёди озмунии мактаббачаҳои олмонӣ, ки дар бораи фоҷиаи асирони шӯравӣ ва коргарони хориҷӣ нақл мекунанд, гӯё дар минтақаи таърихнависии ҳаваскорӣ, дур аз самти генералии ҷустуҷӯҳои таърихӣ қарор гирифтаанд. Аммо онҳо як ҳодисаи илмӣ ва то андозае як даъвати чолише буданд, ки ба ҷомеаи донишгоҳӣ ва академикӣ муроҷиат мекарданд [3,с.195].

**Нақши тарбия дар ташаккули хотираи таърихӣ.** Таҳлили тафсирҳои мавҷуда ва тафсири илмии мафҳумҳои шуури таърихӣ ва хотираи таърихӣ ба таври возеҳ исбот мекунад, ки раванди ташаккул, тарбия ва рушди зеҳни марбут ба донистани гузашта, огоҳии имрӯза ва пешгӯии фардо мустақиман бо педагогика ва вазифаҳои он, аз ҷумла тарбия сарукор дорад. Ва дар ин ҷо, таҳияи ҷанбаҳои педагогӣ ва омилҳои педагогӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Бахусус, дар такя ба ҷиҳатҳои когнитивӣ, арзишӣ, аксиологӣ ва праксиологии ташаккули хотираи таърихӣ зарурат пеш меояд, ки донишомӯз ба олами рангоранги таърих бо роҳи дарки амиқи худшиносиву худогоҳӣ ворид шавад ва дар ташреҳу таҷзияи назари таърихдонии худ устувор бошад.

Дар илми муосир назарияи хотираи таърихӣ рушд мекунад. Татбиқи аҳамияти амалии ин назария дар як қатор равандҳои мавҷудаи тарбияи иҷтимоӣ, айнан, дар ҷараёни таълими таърих ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти тезис дар бораи зарурати рушди дидактикаи берун аз мактаб, дар консепсияи хотираи таърихӣ заминаи таҳияи педагогикаи осорхона, педагогикаи ҷойҳои ёддоштӣ, таърихи шифоҳӣ, технологияи лоиҳавӣ ва дигар методҳои фаъолияти педагогиро, ки имрӯз дар раванди омӯзиши таърих талаб карда мешаванд, пайгирӣ кардан мумкин аст.

**Хулоса,** метавон гуфт, ки тавассути фаҳмиши таърих шахс қобилияти фаҳмидани ҳаёт ва шахсиятро инкишоф медиҳад. Ифтихори миллӣ водор мекунад, дарк намояд, ки дар асл, барқарор кардани чеҳраи аслии таърихии халқ ва миллат яке аз вазифаҳои таъхирнопазири наслҳо мебошад. Ва дар ин замина, нақши омилҳо ва шароити педагогӣ бебаҳост. Бинобар ин, метавон чанд хулосаи зеринро пешкаш кард:

1. Яке аз вазифаҳои муҳими педагогикаи муосир илман асоснок намудани раванди ташаккул ва рушди шуур ва хотира дар инсон, алахусус дар заминаи таърихӣ мебошад, ки бояд тавассути таъсири мақсадноки педагогӣ амалӣ карда шавад.

2. Мувофиқи тафсири илмӣ, хотираи таърихӣ, ҳамчун омили педагогӣ дар дарки шахсияти инсон, пайвасти гузашта ва имрӯз, имрӯз ва оянда кӯмаки амалӣ ва бебаҳо мерасонанд.

3. Ҷанбаҳои педагогии хотираи таърихӣ натиҷаи таҷрибаи иҷтимоии мавҷудияти дарозмуддати халқҳо мебошанд, зеро хотираи таърихии инсон таҷрибаи иҷтимоӣ ва маънавии халқи худ ва халқҳоро ба худ ҷалб намуда, дар дохили худ тарвиҷ медиҳад.

**Пешниҳодҳо:**

1. Бо вуҷуди умумияти зиёди таърихӣ, дар кишварҳои Осиёи Миёна оид ба нақши омилҳои педагогӣ дар ташаккули хотираи таърихӣ (дар пояи таҳаммулпазирӣ) тадқиқоти махсус гузаронида нашудааст. Дар воситаҳои ахбори умум, дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ мавзӯъ қисман ва ё дар доираи ниҳоят танг, асосан аз нуқтаи назари таърих, қисман аз нуқтаи назари фалсафа ва сотсиология рӯшан карда шудааст. Ҷанбаҳои педагогии муаммои илмӣ тақозо мекунад, ки таҳлили амиқ роҳандозӣ шавад.

2. Аз рӯи мулоҳиза оид ба эҳтиёҷ ба рушди дидактикаи берун аз мактаб, зарурат пеш аст, ки барои таҳкими хотираи таърихӣ педагогикаи осорхона, педагогикаи ҷойҳои мнемоникӣ, таърихи шифоҳӣ, технологияи лоиҳавӣ ва дигар методҳои таҳқиқу пӯишҳои педагогӣ ривоҷ дода шаванд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Барг, М. Эпохи и идеи: становление историзма/М.Барг. – М.: Мысль, 1987. – 348 с.
2. Бадмаев, В. Н. Ментальность и историческая память / В. Н. Бадмаев // Вестник Калмыцкого университета. – 2012. – № 1(13). – С. 78-84. – EDN RMTIFD.
3. Борозняк, А.И. Против забвения. Как немецкие школьники сохраняют память о трагедии советских пленных и остарбайтеров/А.И.Борозняк.–М.: Кругъ, 2006.
4. Дмитриева, О.О. Историческая Память и механизмы ее формирования: /О.О.Дмитриева// Вестник Челяб.госунив-та. 2015.-№ 6 (361). История. Вып. 63. С. 132–137.
5. История и память М.: Мысль, 2006. – 360 с.
6. Левада, Ю.А. Историческое сознание и научный метод//Философские проблемы исторической науки/Ю.А.Левада.-М.,:Мысль, 1984. С. 191–193.
7. Леонтьева, О.Б. Историческая память и образы прошлого в российской культуре XIX – начала XX в/О.Б.Леонтьева.-Самара: Книга, 2011. – 448 с.
8. Нора, П. Проблематика мест памяти/П.Нора //Франция-память. СПб: Издательство Санкт-Петербургского университета, 1999.-С. 17-50.
9. Нора, П. Всемирное торжество памяти // Неприкосновенный запас. 2005. № 2-3 [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http:// magazines.russ.ru/nz/2005/2/nora22.html
10. Репина, Л.П. Историческая память и современная историография/Л.П.Репина// Новая и новейшая история. 2004. № 5. - С. 33-45.
11. Репина, Л.П.Историческая наука на рубеже XX–XXI вв./Л.П.репина.-М.:Кругъ,2011. – 559 с.
12. Розанов, В.В. Место христианства в истории/В.В.Розанова// Религия и культура. Т. 1. М.: Правда, 1990. – С. 22-47.
13. Рольфес,Й. Дидактика истории: история, понятие, предмет/Й.Рольфес// Преподавание истории в школе. -1999.- № 7.- С. 29-33.
14. Соколова, М. В. Что такое историческая память/М.В.Соколова// Преподавание истории в школе. 2008. № 7.
15. Томпсон, П. Голос прошлого. Устная история/ П.Томпсон.-М.: Радуга, 2003.
16. Тощенко, Ж.Т. Историческое сознание и историческая память. Анализ современного состояния/Ж.Т.Тощенко//Новая и новейшая история. – № 4, 2000 г.
17. Халбвакс,М. Коллективная и историческая память/М.Халбвакс // Неприкосновенный запас. 2005. № 2–3.
18. Хмелевская, Ю.Ю. О меморизации истории и историзации памяти/Ю.Ю.Хмелевская// Век памяти, память века. Челябинск, 2004.
19. Қозоқбой, Йӯлдош. Постмодернизм: моҳият, илдизлар ва белгилар / Й.Қозоқбой// Жаҳон адабиёти. – № 10, 2015.


## REFERENCES:


1. Barg M. Epochs and ideas: the formation of historicism. – M.: Mysl, 1987. – 348 p.
2. Badmaev, V. N. Mentality and historical memory // Bulletin of the Kalmyk University. - 2012. Vol. 1 (13). P. 78–84.
3. Boroznyak A.I. Against oblivion. How German schoolchildren preserve the memory of the tragedy of Soviet prisoners and Ostarbeiters. – M.: Krug, 2006.
4. Dmitrieva O.O. Historical Memory and the mechanisms of its formation: // Bulletin of the Chelyabinsk State University. 2015. No. 6 (361). Story. Vol. 63. pp. 132–137.

5. History and memory M.: Mysl, 2006. – 360 p.
6. Levada Yu.A. Historical consciousness and scientific method // Philosophical problems of historical science. M., .: Mysl, 1984.-P.191–193.
7. Leontyeva, O.B. Historical memory and images of the past in Russian culture of the 19th – early 20th centuries. Samara: Book, 2011. – 448 p.
8. Nora, P., 2005. Vsemirnoye torzhestvo pamyati [Worldwide triumph of memory]. URL: http:// magazines.russ.ru/nz/2005/2/nora22.html
9. Nora, P., 1999. Problematika mest pamyati [Problems of sites of memory]. In: Frantsiya-pamyat'. Sankt-Peterburg: Izdatel'stvo Sankt-Peterburgskogo universiteta, pp. 17-50.
10. Repina L.P. Historical memory and modern historiography // New and recent history. - 2004. - No. 5. - P. 33-45.
11. Repina, L.P. Historical science at the turn of the 20th–21st centuries. M.: Krug, 2011. – 559 p.
12. Rozanov V.V. The place of Christianity in history // Religion and culture. Ch. 1. M.: Pravda, 1990. – P. 22-47.
13. Rolfes J.Didactics of history: history, concept of subject // Teaching history at school. 1999. No. 7.
14. Sokolova, M. V. What is historical memory // Teaching history at school. 2008. No. 7.
15. Thompson P. Voice of the past. Oral history. M.: Raduga, 2003.
16. Toshchenko Zh.T. Historical consciousness and historical memory. Analysis of the current state //New and recent history. – No. 4, 2000
17. Halbvaks M. Collective and historical memory // Emergency reserve. 2005. No. 2–3.
18. Khmelevskaya Yu.Yu. On the memorization of history and the historicization of memory // Century of memory, memory of the century. Chelyabinsk, 2004.
19. Kazoqboy Yoldosh Postmodernism: essence, roots and signs // World literature. – No. 10, 2015.